# I. Масдудияти интернет дар соли 2022: шарҳи глобалӣ

## Шарҳи додаҳо дар соли 2022

### Масдудияти интернет дар тӯли сол, ки ҳуҷҷатгузорӣ шудааст*

■ Шумораи умумии масдудият
□ Шумораи умумии масдудият, бе назардошти Ҳиндустон




* Ин рақамҳо инъикосгари маълумоти охирини мавҷуда то замони нашри ин гузориш буда, навгониҳои ҷамъбастии қаблан нашршудаи солҳои гузаштаро низ дар бар мегиранд.

### Шумораи кишварҳое, ки дар онҳо масдудият ба қайд гирифта шудааст.

| 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 25 | 19 | 26 | 33 | 29 | 34 | 35 |



**Ҳиндустон:** 84
**Украина:** 22**
**Эрон:** 18
**Мянмар:** 7
**Бангладеш:** 6
**Урдун:** 4
**Либия:** 4
**Судон:** 4
**Туркманистон:** 4

**Афғонистон:** 2 **Буркина Фасо:** 2 **Куба:** 2 **Қазоқистон:** 2 **Русия:** 2 **Серра-Леоне:** 2 **Тоҷикистон:** 2 **Ӯзбекистон:** 2

**Алҷазоир:** 1 **Арманистон:** 1 **Озарбойҷон:** 1 **Бразилия:** 1 **Чин:** 1 **Эфиопия:** 1 **Ироқ:** 1 **Нигерия:** 1 **Уммон:** 1 **Покистон:** 1 **Сомалӣ:** 1 **Шри-ланка:** 1 **Сурия:** 1 **Тунис:** 1 **Туркия:** 1 **Уганда:** 1 **Яман:** 1** **Зимбабве:** 1

** Масдудиятҳо дар Украина ва Яман бинобар даргириҳои мусаллаҳона аз ҷониби нерӯҳои беруна ҷорӣ карда шуданд.

# Омил(триггер)-ҳои масдудият дар соли 2022

**Эътирозҳо**
**62** масдудият дар **16** давлат ҳангоми эътирозҳо

**Мунокишаҳо**
**33** масдудият ҳангоми мунокишаҳо

**Имтиҳонот**
**8** масдудият дар **6** кишвар "барои пешгирии қаллобӣ ҳангоми имтиҳонот"

**Интихобот**
**5** масдудият дар **5** кишвар вобаста ба интихобот

# Тамоюлҳои масдудият дар соли 2022

## 1. Афзоиши шумораи ҷиддии поймолшавии ҳуқуқи инсон*** ва зӯроварӣ, бинобар масдудияти интернет ниҳон мемонанд.

→ **48** ҳолати қатъи интернет дар **14** кишвар, ки бо нақзи ҳуқуқи инсон рост меояд ва ин далоил ҳуҷҷатгузорӣ шудаанд:

Бангладеш, Эфиопия, Эрон, Урдун, Қазоқистон, Мянмар, Русия, Серра-Леоне, Сомалӣ, Судон, Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва минтақаҳои даргириҳои фаъол дар Украина ва Яман.

*** Таҳқири ҳуқуқи башар ҳолатҳоеро дар бар мегирад, ки дар онҳо далелҳои зӯроварӣ, аз ҷумла куштор, шиканҷа, таҷовуз ба номус ё ҷиноятҳои ошкоро, аз ҷониби ҳукумат, низомиён, пулис ё нерӯҳои амниятӣ мавҷуданд.

## 2. Кишварҳое, ки ҷиноятҳои такрорӣ ва масдудияти дарозмуддат дар онҳо ба қайд гирифта шудааст.

→ **787+ рӯз**

То охири соли 2022, қариб ду соли пурра сокинони минтақаи Тиграйи Эфиопия аз дастрасӣ ба алоқа комилан маҳрум буданд. То ҳол бисёре аз онҳо дар ин вазъият қарор доранд.

→ Аз **35** кишваре, ки интернетро дар қаламрави худ масдуд кардаанд, **33**-тои он аз соли 2016 ин амалро такроран содир намудаанд.

→ **500+ рӯз**

То моҳи марти соли 2022 аҳолии бештари манотиқи Мянмар муддати беш аз **500** рӯз дар “торикӣ” (бе алоқа ва интернет) буданд.

→ Аз соли 2021 то 2022 дар саросари ҷаҳон **16** масдудият ба қайд гирифта шудааст. Феълан, дар солҳои 2022-2023, **16** қатъсозии дигар, дар муқоиса бо **8** ҳолати солҳои 2020-2021, идома дорад.

## 3. Масдудияти мақсаднок ва зарари бемаҳдуди онҳо.

→ Дар соли 2022, **23** кишвар хизматрасонии интернетиро **28** маротиба қатъ кардаанд:

Афғонистон, Алҷазоир, Арманистон, Озарбойҷон, Бангладеш, Бразилия, Буркина Фасо, Чин, Ҳиндустон, Эрон, Урдун, Қазоқистон, Нигерия, Уммон, Русия, Шри-Ланка, Тунис, Туркия, Туркманистон, Уганда, Украина (аз ҷониби низомиёни Русия), Ӯзбекистон ва Зимбабве.

→ Усули масдудияти зинавӣ + сензура + назорат:

<u>Эрон:</u> Бастани платформаҳо дар саросари кишвар + воҳидҳои мобилӣ таҳти назорати қатъӣ дар нуқтаҳои даргири минтақа.
<u>Мянмар:</u> нобуд кардани шабакаҳои мобилӣ, дастрасӣ ба VPN, паёмрасонҳои рамзгузоришуда + маҷбур кардани аҳолӣ барои истифодаи шабакаҳои низомӣ, ки зери назорати қатъӣ буданд.
<u>Украина:</u> ҳамлаҳои сайберӣ ба шабакаҳои таъминкунандаи интернетии украинӣ + кӯшиши ба таври маҷбурӣ пайваст кардани қаламрави ишғолшуда ба шабакаҳои зери сензура ва назоратшавандаи шадиди Русия.

## Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ
## Шарҳи минтақавӣ дар соли 2022

**7 масдудият**
**6 давлат**
**2021**

**36 масдудият**
**8 давлат**
**2022**

**Украина: 22**
**Ҳама масдудияти интернет аз ҷониби Русия ҳангоми ҳамлаи ба ҳудуди Украина рух додааст**

**Арманистон: 1**
**Аввалин сабти масдудияти интернет**

**Туркманистон: 4 Қазоқистон: 2 Русия: 2**
**Тоҷикистон: 2 Ӯзбекистон: 2 Озарбойҷон: 1**




масдудият дар Украина мустақиман ба инфрасохтори коммуникатсионӣ нигаронида шуда буд, ки ин баробар ба **17** қатъшавии интернет аст.

**3 омили аслӣ (триггер)-и машҳури масдудият дар минтақа**




Дар ҳоле ки кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ ба режими авторитаризм амиқтар рӯбарӯ мешаванд, қатъи интернет ва сензура дар ҷараёни эътироз ва интихобот ба як амали маъмулӣ табдил ёфтааст.[1] Дар заминаи низоъ ва бӯҳрон дар минтақа, аз ҳамлаҳои Русия ба Украина, то саркӯби бераҳмонаи ҳукуматҳо алайҳи тазоҳурот дар саросари Осиёи Марказӣ, мақомот қатъи интернетро ҳамчун силоҳ, барои нигоҳ доштани мардум дар зулмот ва беҷазо гузоштани нақзи ҳуқуқи башар, истифода мекунад.

## Осиёи Марказӣ

Дар саросари Осиёи Марказӣ мақомот кишварҳо ҳангоми тазоҳурот пайваста аз таҷрибаи қатъи иртиботро истифода кард, ҳуқуқи мардумро ба озодии баён ва дастрасӣ ба иттилоот поймол намуда, кӯшиши пахш кардани мухолифон ва рупӯш кардани сӯиистифода аз қудратро ҷорӣ карданд.[2] Таъсири ин амалҳо харобиовар буда, дастрасии одамонро ба ғизо, тандурустӣ, маориф ва иттилооти наҷотбахш маҳдуд намуд.[3]

Моҳи январи соли 2022 мардуми Қазоқистон муддати тақрибан як ҳафта аз дастрасӣ ба интернет, бинобар эътирозҳо барои афзоиши нархи газ, мазрум буданд. Саркӯби хушунатомез ва номутаносиб алайҳи тазоҳуркунандагон аз ҷониби полис ва хадамоти амниятӣ боиси кушта шудани садҳо нафар ва боздошти ҳазорон нафар шуд. Қатъи интернет аз ҷониби ҳукумати Қазоқистон миллионҳо нафарро дар "торикӣ" (бе алоқа ва интернет) гузошта, бинобар корношоям будани

1 Access Now (2022). *Digital dictatorship: authoritarian tactics and resistance in Eastern Europe and Central Asia (Диктатураи рақамӣ: тактикаи авторитарӣ ва муқовимат дар Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ).* 19.02.2023, сарчашма: https://www.accessnow.org/digital-dictatorship-and-resistance-in-eastern-europe-and-central-asia/.

2 *Нишонии қаблан зикршуда.*

3 Access Now (2022). *In Central Asia, internet shutdowns are harming all kinds of rights (Дар Осиёи Марказӣ қатъи интернет ҳама гуна ҳуқуқҳоро поймол мекунад).* 18.02.2023, сарчашма: https://www.accessnow.org/central-asia-internet-shutdowns-harm-rights/.

## Сабаби қатъшавии интернет: Тоҷикистон



**“Ман дар Хоруғ, ки аслам аз он ҷо аст,, ду дорухона дорам. Барои шахсони алоҳида ва беморхонаҳо доруворӣ ва таҷҳизоти тиббӣ дастрас мекунам. Қатъи интернет дар тиҷорати мазкур нақши “калидӣ” бозид, чунки тамоми муколама, доду гирифти молӣ, пур кардани ҳуҷҷатҳои андоз, ва дар маҷмӯъ ҳамаи тиҷорат тариқи фосилавӣ бо истифодаи интернет сурат мегирифт.**

**Аммо вақте ҳукумати Тоҷикистон барои пахши эътирозҳо дар Хоруғ ба муддати чор моҳ интернетро қатъ кард, ин ба кулли раванди тиҷорати ман таъсир расонд. Бешубҳа, тиҷорати ман сахт осеб дид, зеро мо имкони самаранок кор карданро аз даст додем. Бинобаран, ман маҷбур шудам, ки кормандони худро ҷавоб диҳам ва дар ниҳоят тиҷоратро бастам. Дар ин раванд, ман зиёда аз 15 000 долларро аз даст додам”.**

Тоҷир аз Хоруғ

Сурат: Kondephy

кортҳои бонкӣ ва имконнопазирии пардохтҳои мобилӣ, боиси норасоии пули нақд ва ғизо гардид.[4]

Мақомоти Ӯзбекистон ва Тоҷикистон низ ба тазоҳуроти хушунатомез ва қатъи интернет дар ҷумҳурии худмухтори Қароқалпоқистон[5] ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ)[6] рӯбарӯ шуданд, ки таъсири номутаносибии қатъи интернет ба ҷамоатҳои канормонда, аз қабили аққалиятҳои қавмии Қароқалпоқистон ва ВМКБ таъсир гузошт.

Мақомоти Туркманистон[7] ва Ӯзбекистон[8] ҳам бастани замимаҳои иртиботиро ҳамчун тактикаи сензураи вебсайтҳо ва масдуд кардани VPN-ҳо бо ҳадафи назорати иттилоот ва пароканда кардани мухолифин тайи чанд соли охир бештар ба кор бурданд.

## // Ҳамлаи Русия ба Украина

Оғоз аз моҳи феврали соли 2022, дар натиҷаи ҳамлаи фарогири Русия ба Украина, артиши рус тавассути маҷмӯи ҳамлаҳои сайберӣ ва ҳавоии ҳадафмандона барои барҳам додани инфрасохтори телекоммуникатсионӣ дар шаҳрҳо ва минтақаҳои Украина **22** ҳолати қатъшавиро ба вуҷуд овард.[9]

Бо мақсади маҳдуд кардани ҷараёни иттилоот ва зарар ба аҳолӣ дар посух ба он, ки Украина нерӯҳои русро аз шаҳрҳои ғасбкарда бомуваффақият берун кард, Русия мунтазам ва зерсохтори ғайринизомӣ дар саросари Украина ҳамла мекард, то муқовимати мардумро ба таҷовуз шикаст диҳад. Ин усули ҳамла хисороти бузурге ба бор овардааст, ки аз **22** қатъи иртибототи дар Украина рухдода, ҳадди ақал **12**-тоаш дар баробари нақзи ҳуқуқи башар рух додааст, ки ҳуҷҷатгузорӣ шудаанд. Норасоии нерӯи барқ, об ва ғизо, дар якҷоягӣ бо қатли бераҳмона ва ваҳшиёнаи ғайринизомиён[10] дар тӯли ҳамлаи рус, аксар вақт дар баробари қатъ шудани иртибот ва қатъи интернет маъмул буд. Дар натиҷа, Украина 4000 “маркази шикастнопазир” таъсис дод, ки дар онҳо одамон метавонанд гарм шаванд, хӯрок хӯранд, дастгоҳҳоро

**4** Access Now (2022). *Timeline: Kazakhstan internet shutdowns aim to crush protests, hide state violence (Ҷадвал: Қатъи интернет дар Қазоқистон ҳадафи саркӯб кардани эътирозҳо ва пинҳон кардани хушунати давлатӣ).* 18.02.2023, сарчашма: https://www.accessnow.org/kazakhstan-internet-shutdowns-protests-almaty-timeline-whats-happening/.

**5** Access Now (2022). *Uzbekistan region in information vacuum, authorities must #KeepItOn (Холигии иттилоотӣ дар минтақаи Ӯзбекистон, мақомот #ОнроФаъолКунед).* Боргиришуда 18.02.2023 аз https://www.accessnow.org/uzbekistan-information-vacuum-keepiton/.

**6** The Diplomat (2022). *Tajikistan Lifts Internet Block on GBAO. What’s Next ? (Тоҷикистон масдудияти интернетро дар ВМКБ қатъ кард. Минбаъд чӣ?).* Богиришуда 18.02.2023, аз https://thediplomat.com/2022/06/tajikistan-lifts-internet-block-on-gbao-whats-next/.

**7** Access Now (2021). *What Turkmenistan internet shutdowns tell us about digital repression in Central Asia (Қатъи интернет дар Туркманистон ба мо дар бораи саркӯби рақамӣ дар Осиёи Марказӣ чӣ мегӯяд).* Боргиришуда 18.02.2023, аз https://www.accessnow.org/turkmenistan-internet-shutdowns/.

**8** The Diplomat (2022). *Uzbekistan Unblocks Twitter, TikTok Still Restricted (Ӯзбекистон масдудияти Твиттерро мебардорад, ТикТок ҳанӯзам датснорас мемонад).* Боргиришуда 18.02.2023, аз https://thediplomat.com/2022/08/uzbekistan-unblocks-twitter-tiktok-still-restricted/.

**9** Access Now (2022). *#KeepItOn: Who is shutting down the internet in Ukraine? (Дар Украина кӣ интерентро қатъ кард?).* Боригиришуда 22.02.2023, аз https://www.accessnow.org/who-is-shutting-down-the-internet-in-ukraine/.

**10** Human Rights Watch (2022). *Ukraine: Mariupol Residents Trapped by Russian Assault (Украина: сокинони Мариупол дар қапқони ҳамлаи Русия).* Боргиришуда 18.02.2023, аз https://www.hrw.org/news/2022/03/07/ukraine-mariupol-residents-trapped-russian-assault.

қувва дода, ба интернет пайваст шаванд.[11] Ҳукумат инчунин аз провайдерҳо даъват мекунад, ки батареяҳо, генераторҳо ва панелҳои офтобиро захира кунанд, то дар сурати қатъ шудани барқ ҳадди ақкал се рӯз ба гунаи онлайн аз онҳо истифода кардан мумкин бошад.[12]

Дар Херсон – яке аз собиқ минтақаҳои забткардааш Русия кӯшиш кард, ки онро ҳамчун пойгоҳ барои ҳуҷумҳои амиқтар ба қаламрави Украина истифода кунад. Бинобарин , нерӯҳои Русия мунтазам барои иваз кардани хадамоти телекоммуникатсионии Украина ба хадамоти русӣ кор мекарданд ва ҳатто барои равон кардани трафики интернетӣ ба нуқтаи дигар аз Қрим[13] ноқилҳои нави оптикӣ кашиданд. Ин талошҳо барои украиниҳо боиси қатъи ҷиддии иртибот шуд, чун ҳар ҷое Русия алоқаро барқарор кард, мардумро маҷбур мекард, ки аз интернети зери сензураи шадид қарордошта ва назоратшавандаи русӣ истифода баранд.[14] Украина ба кӯшишҳои Русия муқовимат карда, провайдерҳои хидматрасонии украинӣ блокҳоеро насб намуданд, ки тавассути он муайян шуд Русия ба таҷҳизоти онҳо дастрасӣ пайдо кардааст. Ва кормандони агентиҳои иктишофии Украина сими нахи оптикиро, ки Русия наздикӣ дар қаламравии ғасбкардааш кашида буд, бесубот карданд.[15] Бо вуҷуди амалҳои муҳими муқовимат, набард барои назорати зерсохторҳои телекоммуникатсионӣ хизматрасонии аҳолиии Украинаро дар самти мазкур мушкилтар кард.

Ҳамчун як бахше аз саркӯб кардани дигарандешон ва талошҳои пайваста барои таҳмили таблиғоти худ ҳамчун ривояти марбут ба ҳамла ба ҳудуди Украина, ҳукумати Русия ҳамчунин дар дохили кишвар **ду маҳдудиятро** роҳнадозӣ карда, дастрасӣ ба Twitter, Facebook ва Instagram-ро масдуд кард.[16] Дар вокуниш ба фишори Русия нисбат ба платформаҳо, ТикТок барои маҳдуд кардани дастрасӣ ба хидматҳояш дар дохили кишвар чораҳои худро андешид.[17] Дар ҳамин ҳол, ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки аз Украина ҳимоят карда гирди ҳам омадаанд, алайҳи Русия як қатор таҳримҳои шадидро ҷорӣ кардаанд. Баъзеҳо ба таври возеҳ ба хидматрасониҳои техникӣ нигаронида шуда, қисмати дигар маҳдудиятҳои умумии номуайянеро оид ба чӣ гуна онҳо ба хидматҳое, ки дастрасии интернети ҷаҳониро дар дохили Русия таъмин мекунанд, ба вуҷуд оварданд. Мақомоти ИМА ва Британиё зуд ба даъватҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар бораи истисно вокуниш нишон доданд, то ҳомиёни ҳуқуқи башар, рӯзноманигорон ва миллионҳо нафари дигар дар Русия тавонанд бо ҷомеаи ҷаҳонӣ пайваст ва ба иттилои мӯътамад дастрасӣ дошта бошанд, то тавонанд муқовимати худро идома диҳанд.[18]

## // Баҳси ҳудудии Озарбойҷону Арманистон

Азбаски даргириҳои низомӣ миёни Озарбойҷону Арманистон бар сари қаламрави баҳсбарангез соли 2021 авҷ гирифт, истифодаи қатъи интернет ва дигар усулҳои назорати иттилоот аз ҷониби ҳар ду кишвар афзоиш ёфт. Санаи 14 сентябри соли 2022, баъд аз ҳамлаи низомии Озарбойҷон ба қаламрави баҳсбарангез, мақомоти ҳарду кишвар дастрасӣ ба ТикТокро масдуд карданд, **ки ин аввалин бор дар таърихи Арманистон ҳисобида мешавад, ки махсус як шабакаро комилан қатъ кард**.[19]

---

**11** The Kyiv Independent (2022). *People seek relief at 'invincibility centers' amid long power outages (Мардум дар пасманзари қатъи тӯлонии барқ ба "марказҳои шикастнопазир" кӯмак меҷӯянд)*. Боргиришуда 18.02.2023, аз https://kyivindependent.com/news-feed/people-come-to-invincibility-centers-in-kyiv-amid-long-power-outages.

**12** *Ҳамон ҷо.*

**13** The New York Times (2022). *How Russia Took Over Ukraine's Internet in Occupied Territories (Чӣ гуна Русия интернети Украинаро дар қаламравҳои ишғолшуда тасарруф кард)*. Боргиришуда 18.02.2023, аз https://www.nytimes.com/interactive/2022/08/09/technology/ukraine-internet-russia-censorship.html.

**14** *Ба сарчашмаи* 9 нигаред.

**15** Liga.net (2022). *Інтерв'ю | Росія – законна ціль. Голова Держспецзв 'язку Юрій Щиголь про санкції та невдалі кібератаки РФ (Мусоҳиба | Русия ҳадафи қонунист. Сардори Нерӯҳои вижаи давлатӣ Юрий Шигол дар бораи таҳримҳо ва ҳамлаҳои нокоми Русия)*. Боргиришуда 18.02.2023, аз https://tech.liga.net/ua/ukraine/interview/glava-gosspetssvyazi-yuriy-schigol-o-svyazi-v-hersone-tehnosanktsiyah-i-starlink-v-poezdah.

**16** Access Now (2022). *Updates: Digital rights in the Russia-Ukraine conflict (Навсозиҳо: Ҳуқуқҳои рақамӣ дар муноқишаи Русия ва Украина)*. Боргиришуда 18.02.2023, аз https://www.accessnow.org/digital-rights-ukraine-russia-conflict/.

**17** Coda Story (2022). *A Russian user looks inside TikTok's propaganda-filled digital bubble (Корбари рус ба дохили ҳубобчаи рақамии пур аз таблиғоти ТикТок менигарад)*. Боргиришуда 18.02.2023, аз https://www.codastory.com/newsletters/russia-tiktok-propaganda/.

**18** Access Now (2022). *UK protects free flow of information amidst Russia sanctions (Британияи Кабир ҷараёни озоди иттилоотро дар доираи таҳримҳои Русия муҳофизат мекунад)*. Боргиришуда 22.02.2023, аз https://www.accessnow.org/uk-information-russia-sanctions/; Access Now (2022). *U.S. moves to keep the Russian people connected despite sanctions (ИМА ҳаракат мекунад, ки бо вуҷуди таҳримҳо мардуми Русияро дар робита нигоҳ дорад)*. Боргиришуда 22.02.2023, аз https://www.accessnow.org/u-s-treasury-russia-sanctions-internet/.

**19** Access Now (2022). *Turn TikTok on: authorities in Azerbaijan and Armenia must not restrict access (TikTok-ро фаъол созед: мақомоти Озарбойҷон ва Арманистон набояд дастрасиро маҳдуд кунанд)*. Боргиригуда 18.02.2023, аз https://www.accessnow.org/tiktok-azerbaijan-armenia/.

Маъракаи #KeepItOn (онро фаъол нигоҳ дор) созмон ва кӯшишҳои ҷаҳониро барои хотима додан ба масдудияти интернет ҷамъоварӣ намуда, муттаҳид мекунад. Ин маърака соли 2016 аз ҷониби эътилофи тақрибан 70 созмон дар RightsCon дар водии Силикон оғоз шудааст. Узвияти эътилоф афзоиш ёфта, то ба имрӯз ба беш аз 300 узв, оғоз аз фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳомиёни ҳуқуқи инсон ва гурӯҳҳои таблиғотӣ, то марказҳои таҳлилӣ, шабакаҳои таҳқиқотӣ, бунёд ва созмонҳои иттилотӣ, дар 105 кишвари ҷаҳон дохил мешаванд.

Ин гузориш ба Access Now таалluқ дошта, барои эътилофи #KeepItOn аз ҷониби Зак Россон, Фелисиа Антонио ва Каролин Такетт, дар ҳамкорӣ бо дастаи Access Now омода шудааст.

Муаллифон ба Сэйҷ Ченг, Донна Вентворт, Марва Фатафта, Раман Ҷит Сингх Чима, Вай Фио Майнт, Голда Бенҷамин, Анастасия Жирмонт, Наталя Крапива, Ангела Аларкон, Бриҷит Андере, Ҷи Йонг Ким, Ҷейми Коконя, Намрата Маҳешвари, Питер Мичек, Кассем Мнейжа, Лаура О'Брайен, Гаспар Писану, Агнерис Сампиери, Дави Сивапракасам, Четна Кумар, Алексиа Скок ва Меган Катюре барои саҳмгузорӣ дар омода намудани ин нашрия изҳори миннатдорӣ мекунанд. Ҳамчунин, муаллифон ба Data4Change, Маркази ҳуқуқии озодии нармафзори Ҳиндустон (SFLC.in), Yodet, Digitally Right, Miaan Group, Cloudflare, Муайян ва таҳлили нокомии интернет (IODA), Лоиҳаи Интернети Мянмар, Атхан, Кентик, Дахолати шабакаи Обсерваторияи кушод (OONI) ва дигар аъзоёни эътилофи #KeepItOn барои пешниҳоди иттилоот ва пешниҳодоти арзишманд оид ба омӯзиши масоил, баррасии маълумот, манбаъҳо ва саҳмгузорӣ омодасозии дар гузориш, изҳори сипос менамоянд. Масъулияти ҳама гуна иштибоҳ, маълумоти бардурӯғ ё нодуруст, ба зиммаи муаллифон буда, фикру мулоҳизаҳои Шумо боиси беҳбудии кори мо маҳсуб меёбад.

Ороиш ва визуализатсияи додаҳо аз ҷониби Сэйҷ Ченг.

## Қайд оид ба додаҳо

Ин гузориши #KeepItOn ҳолатҳои масдуд шудани интернетро, ки аз ҷониби Access Now ва эътилофи #KeepItOn дар соли 2022 ҳуҷҷатгузорӣ шудаанд, мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар ҳоле ки мо кӯшиш мекунем махзани додаҳои ҳамаҷонибаро бунёд намоем, маълумоти мазкур дар асоси андозагирии фаннӣ ва маълумоти моҳиятӣ, аз қабили гузоришҳои хабарӣ ё ҳисобҳои шахсӣ, омода шудааст. Маҳдудиятҳои методологияи мо маънои онро дорад, ки шояд ҳолатҳои қатъ шудани интернет вуҷуд дошта бошад, аммо чун расонаӣ нашудаанд, ё шояд маълумоти нав пас аз интишор дастрас шавад, рақамҳо тағйир меёбанд. Барои маълумоти бештар лутфан ба нишонии [https://accessnow.org/keepiton-data-methodology](https://accessnow.org/keepiton-data-methodology) ворид шавед.

Феврали соли 2023.

#KeepItOn

CC BY